**№ 20048/412 аз 23.11.2023**

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба татбиқ намудани муқаррароти
қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 октябри соли 2023, №505»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505, Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) тасдиқ карда шуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, №210 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шудааст.

Қарори мазкур тартиби намунавии ҳисоб намудани арзиши аслии мол (кор, хизмарасонӣ)-ро дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муқаррар намуда, барои риоя накардани талаботи он, нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст.

Боиси қайд аст, ки ҳисобкунии хароҷот барои истеҳсоли мол, ки ба арзиши аслии мол дохил карда мешавад, унсури ёрирасони ташаккули нархгузорӣ буда, бо мақсади муайян намудани заминаи андозбандӣ, идоракунии истеҳсолот бо дар назар доштани хусусиятҳои он гузаронида мешавад. Ҳисобкунии арзиши аслии мол ин ҳисобкунии илман асосноккардашудаи арзиши аслии моли субъекти хоҷагидор буда, бо мақсади таъмини инъикоси боэътимоди хароҷот барои дастраскунӣ, коркард, истеҳсол ва фурӯши мол дар муқоиса бо меъёрҳои амалкунанда анҷом дода мешавад.

Бинобар ин, андозсупорандагонро зарур мебошад, ки то санаи 31 декабри соли 2023 ҳисобкунии (калькуляция) арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)-и худро бо талаботи қарори мазкур мутобиқ намоянд.

Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки дар асоси муқаррароти моддаи 168 Кодекси андоз оид ба амалисозии қарори номбурда корҳои тавзеҳотӣ ва фаҳмондадиҳиро анҷом дода, ҷиҳати аз ҷониби андозсупорандагони тобеи худ роияи гардидани муқаррароти он чораҳои зарурӣ андешида, ҳангоми ба миён оманади гуногунфаҳмии муқаррароти қарори номбурда бо талаботи Кодекси андоз, барои мақсадҳои андозбандӣ муқаррароти Кодекси андоз ба инобат гирифта шавад.

Масъулияти таъмини иҷрои супориши мазкур ба зиммаи сардорони мақомоти ҳудудии андоз вогузор карда мешавад.

Замима, нусхаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2023, №505.

Раис Н.Давлатзода